# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 28 июни соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мамадиев Журабек Уракович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Мамадиев Журабек Уракович дар мавзӯи «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Мамадиев Журабек Уракович, соли таваллудаш 1984, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз сентябри соли 2007 ба ҳайси ассистент ва июни соли 2011 ба сифати омӯзгори калон дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷик (ҳоло назария ва таърихи адабиёт)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ анҷом дода шуда аст.

**Роҳбари илмӣ:** Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Тағаймуродов Рустам** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав;
- **Зайниддинов Мухтадо** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ;
- **Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Дар тақризи муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омадааст, ки пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек ба тақозои умумияти расму оин, дину мазҳаб, зиндагӣ ва бахусус марзи ба ҳам наздики ҷуғрофӣ бармаҳал ташаккул ёфта, тули таърихи дароз онҳоро бо ҳам наздику қарин ва ҳатто хешу ақрабо намудааст. Мавзӯе, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, бешубҳа, мубрам буда, барои илми адабиётшиносии тоҷик аҳамияти назарӣ ва амалӣ дошта, дар робиташиносии тоҷик, аз ҷумла дар мавзӯи тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек таҳқиқоти тоза маҳсуб мешавад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаашро пурра иҷро кардааст ва як кори пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфид аст, аз ҷумла:

-Дар матни диссертатсия ғалатҳои зиёди имлоӣ, орфографӣ ва баъзан услубие вомехӯранд, киислоҳи онҳо ҳатмӣ аст.

-Ба андешаи мо муҳиммияти мавзуъ пурқувват карда шавад.

-Дар фасли якуми боби сеюм баъзе андешаву мулоҳизаҳо дар бораи Бобур такрор ёфтааст, ин масъала дар фасли дуюми боби дувум мавриди баррасӣ қарор гирифта буд.

-Китобномаи диссертатсияро мутобиқ ба талаботи ВАК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳ бояд намуд.

Диссертатсияи Мамадиев Журабек Уракович дар мавзӯи «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Мамадиев Журабек Уракович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертант 6 мақола ба табъ расонидааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудааст ва 2 номгӯйи дигар фарогири мавзӯъ ва муҳтавои асосии диссертатсия буда, дар маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Мамадиев Ж. У. Тарҷумаҳои «Гулистон»-и Саъдӣ ба забони ӯзбекӣ / Мамадиев Ж. У. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серия Филология. –Душанбе: Сино, 2012. -№4/4 (91). С.205-209.

2. Мамадиев Ж. У. Тарҷумаҳои «Бӯстон»-и Саъдӣ ба забони ӯзбекӣ / Мамадиев Ж. У. //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). –Душанбе, 2013. -№6 (55). С.258-262.

3.Мамадиев Ж. У. Хусусиятҳои таҳаввули адабиёти ӯзбек дар асрҳои XVI-XIX / Мамадиев Ж. У. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серия Филология. –Душанбе: Сино, 2013. -№4/6 (122). С.150-154. (на тадж.яз.)

4. Мамадиев Ж. У. Нақш ва ҷойгоҳи шахсиятҳои адабӣ дар фароянди пайвандҳои адабӣ / Мамадиев Ж. У. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Серия Филология. –Душанбе: Сино, 2013. -№4/4 (116). С.215-220

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Саъдиев Садрӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва **Воҳидов Амон** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд. Тақриз мусбат буда, дар он зикр мешавад, ки масъалаи таъсирпазирӣ, истиқбол ва пайравӣ аз осори Саъдӣ дар рисолаи Ж.Мамадиев муфассал баррасӣ шудааст. Дар баробари муҳассаноти мазкур дар фишурдаи рисола баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо фазилатҳои илмию пажӯҳишии рисолаи мазкурро меафзояд:

-Дар муқаддима сарчашмаи таҳқиқот бо предмети таҳқиқот якхела аст.

-Дар хулоса такрори фикр дар баъзе бахшҳо ба мушоҳида мерасад, ки онҳоро бояд ихтисор кард.

**Насриддиниён Бобишоҳи Ҳасанпур** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Мамадиев Ж.У. «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмӣ дорад. Новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

-Муҳаққиқ ҳангоме ки дар бораи тарҷумаи ғазалиёти Саъдӣ ба забони ӯзбекӣ таҳқиқот мебарад, танҳо ду ғазалро мисол овардааст, ки хеле кам аст.

-Дар автореферат бисёр калимаҳо ба ду тарз навишта шудаанд, масалан: Хева, Хива, Қӯқанд, Хӯқанд, омӯзиш, омузиш ва ғайра.

-Шеъри дар саҳ. 16-и автореферат ба забони тоҷикӣ овардашуда дар байти аввал сакта дорад.

-Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

**Абдуллаев Рамазон** - мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ ва Эшонқулов Илҳом - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз. Тақриз мусбат буда, зикр шудааст, ки фишурдаи рисолаи Мамадиев Журабек Уракович моҳияти асосии рисоларо комилан ифода мекунад, бо вуҷуди ин автореферат аз баъзе камбудиҳо орӣ нест:

-Дар саҳифаи 20-уми фишурдаи рисола байти Шайх Саъдӣ ба таври зерин сабт ёфтааст, ки ғалат аст:

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,
Ба сарчашмае ба санге навишт.

Шакли саҳеҳи байт чунин аст:

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,
Ба сарчашмае бар ба санге навишт.

-Инчунин дар саҳифаи 22 унвони ифтихории Шайх Саъдӣ ба гунаи "Шайхи аҷал" сабт ёфтааст, ки дуруст нест. Бояд "Шайхи **аҷалл**" навишта мешуд!

-Дар фишурдаи рисола хатоҳои услубӣ, имлоӣ, техникӣ ва инчунин дар чанд маврид такрори матолиб дар саҳифаҳои 3,8, 14,15,16,17,18,19,25 ба чашм мерасанд.

-Ишора ба сарчашмаҳо (хусусан сабти китобҳо ба забони ӯзбекӣ) ва тариқи истифода аз иқтибосот такмил мехоҳад.

**Нуров Нуралӣ Норович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. Тақриз мусбат буда, муқарриз зикр мекунад, ки дар бобу фаслҳои диссертатсия муаллиф масъалаи таъсирпазирии адибони ӯзбекро аз осори Саъдӣ ба миён мегузорад. Дар баробари дастовардҳои зиёд дар диссертатсия камбудиҳо ба назар мерасанд:

-Муаллиф дар бисёр маврид дар заминаи нусхаҳои чопӣ ва чопҳои оммавии осори Саъдӣ ва адибони классики ӯзбек андешаронӣ мекунад. Ба назари мо диссертант чопҳои илмию интиқодӣ ва нусхаҳои муътабари хаттиро ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ интихоб мекард, беҳтар буд.

-Дар фишурдаи диссертатсия баъзан, иштибоҳоти имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

**Рахманов Бахтиер Рузикулович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Русия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Вале зикр менамояд, ки новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

-Муҳаққиқ ҳангоме ки дар бораи тарҷумаи «Гулистон» ва «Бӯстон» пажӯҳиш анҷом медиҳад, бо овардани чанд ҳикояти тарҷумашуда аз забони форсиии тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ иктифо мекунад, ки кам аст.

-Дар автореферат бисёр калимаҳо ба ду тарз навишта шудаанд, масалан: Хева, Хива, Қӯқанд, Хӯқанд, омӯзиш, омузиш ва ғайра.

-Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои китобӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо зарур аст.

**Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** - номзади илмҳои филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия нуқсонҳои услубӣ, имлоӣ ва навишторӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд ислоҳ намуд.

**Шоназаров Юсуфалӣ, Файзуллоев Бахтиёр, Суюнов Мавлонбердӣ ва Абдуллоев Олимҷон** - номзадҳои илми филология, дотсентони факултети филологияи ӯзбеки ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. Тақриз мусбат буда, онҳо навиштаанд, ки дар замони ҳозира муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ривоҷу равнақи тоза пайдо карда истодааст. Аз ин лиҳоз диссертатсияи Мамадиев Ж.У. арзиши илмӣ, маданӣ, ҳатто сиёсӣ дорад.

**Низомов Муҳриддин** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти ДМТ. Тақриз мусбат буда, зикр ёфтааст, ки хулосаҳои муҳаққиқ ва натиҷаи пажӯҳиши мавзӯъ ҷолибанд. Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд доштани автореферати диссертатсия, дар кор баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд. Чунончи:

-Дар бахши “Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд” масоили пешниҳодшуда шакли масъалагузориро мегиранд, ки аз бахши “Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ” кам фарқ мекунанд. Бояд ин бахш “Муҳтавои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад” номгузорӣ шуда, муҳимтарин хулосаҳои муҳаққиқро аз натиҷаи умумии таҳқиқ дарбар гирад.

-Муаллифи диссертатсия дар боби аввали диссертатсия бештар ба андешаҳои донишмандоне, ки доир ба таъсирпазирии адабиёти ӯзбек аз форсии тоҷикӣ тадқиқот анҷом додаанд, такя намудааст, вале андешаҳои мустақили муҳаққиқ камтар ба назар мерасад.

-Дар автореферат намунаҳо аз ашъори лирикии Саъдии Шерозӣ, ки ба ӯзбекӣ тарҷума шудааст, кам оварда шудааст.

-Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ ба назар мерасанд (саҳ.3,6,7,8...).

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи адабиётшиносӣ ба вижа робиташиносӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи адабиётшиносӣ, бахусус тарҷума ва робитаҳои адабӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба таъсири Саъдӣ ба адабиёти ӯзбек, тарҷумаҳои асарҳои машҳури Саъдӣ "Гулистон" ва "Бӯстон", инчунин ашъори ғиноии шоир ба забони ӯзбекӣ ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Пешниҳод шудааст, ки ҳодисаи вуруди осори намояндаи ин ё он адабиёт ба адабиёти халқи дигар яке аз шаклҳои муфиди пайвандҳои адабист. Дар ин замина хидмати намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ дар ҳавзаи адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла адабиёти ӯзбек калон аст. Дар ин ҳамгироӣ нақш ва ҷойгоҳи яке аз чеҳраҳои намоёни адаби форсии тоҷикӣ «Шайхи аҷалл» Саъдии Шерозӣ бузург аст. Шоирони ӯзбек аз асри XV шурӯъ намуда, ба шакл ва мазмуни осори Саъдӣ пайравӣ карда, тарҷумаи осори ӯро низ чун манбаи таъсирпазирӣ эътироф кардаанд. Таъсири эҷодиёти Саъдӣ ба ашъори Навоӣ, Сайфи Саройӣ, Ҳофизи Хоразмӣ, Лутфӣ, Саккокӣ ва дигарон ба таври мушаххас муайян ва баррасӣ карда шавад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Таъсири мутақобилаи адабиёт, таърихи инкишоф ва ҳамдигарро бой гардондани онҳо дар ҳама давру замон аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳеҷ замон таъсирпазирӣ аз омилҳои сиёсию иҷтимоӣ, арзиши адабӣ ва маърифатии он ҷудо нашудааст. Ҳарчанд фурӯпошии давлати Шӯравӣ фурсати муроҷиати дақиқ ва амиқро ба зиндагии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳамсояҳо то ҷое ба равобити адабӣ таъсири худро ба таври манфӣ гузошта бошад ҳам, ин маънои онро надорад, ки масъалаи пайвандҳои адабӣ, таъсир ва

бахрабардорӣ аз адабиёти ҳамдигар рӯ ба нестӣ оварда бошад. Дар ин миён, ба назари мо, мушкилоти робитаи таърихии халқҳои тоҷику ӯзбек аз назари макон ва замон ва фароянди адабию таърихӣ ба аҳамияти зиёдтаре молик аст. Аз ин рӯ, масъалаи робитаи адабии халқҳои тоҷику ӯзбек аз мавқеи фазо, макону замони таърихӣ дархӯри андеша мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии робитаҳои адабӣ, таърихи адабиёт, нақди адабӣ истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия метавонад дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

Маводи диссертатсия метавонад ҳангоми таҳия ва таълифи бахшҳое аз кутуби таърихи адабиёти форсу тоҷик ва ҳамзамон таърихи адабиёти ӯзбек, маводи таълимии равобити адабиёти форсу тоҷик бо адабиёти ақвоми туркзабон, нигориши диссертатсияҳои докторӣ, номзадӣ, дипломӣ ва корҳои курсӣ истифода бурда шавад.

**Мутобиқи мақсаду вазифаҳои диссертатсия** зимни таҳлили илмии мавод аз усулҳои таърихӣ, оморӣ, муқоисавӣ - таърихӣ, шинохти осори адабӣ, инчунин таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандон ва муҳаққиқони таърихи тарҷума ва назарияи он ба кор гирифта шудааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур мeёбад, ки таърих ва савияи тарҷума, истиқболи осори Саъдӣ аз тарафи шоирони ӯзбек, чунонки арзандаи шарофати инсонӣ ва ҳунарии ин пири ҳикмат аст, ба таври зарурӣ, омӯхта нашудааст. Бинобар ин, бо дарназардошти вазъи феълии илми тарҷума ва робиташиносӣ, дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ сатҳ ва савияи тарҷумаи осори Саъдиро ба забони ӯзбекӣ муайян карда, хусусиятҳои замонӣ ва ҳунарии истиқболи осори ин шоири бузург дар муҳити адабии ӯзбекӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 28 июни соли 2019 дар бораи ба Мамадиев Журабек Уракович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 24 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– адабиёти халқҳои мамлакатҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 24 нафар, «зид» - нест «варақои беэътибор» - нест

Баромади Мамадиев Журабек Уракович дар мавзӯи «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Тағаймуродов Рустам**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Зайниддинов Мухтадо** ва тақризҳо ба авторефератро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Мамадиев Журабек Уракович дар мавзӯи «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопкардаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Мамадиев Журабек Уракович дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Мамадиев Журабек Уракович дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷикро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

28 июни соли 2019.